**Тақриз**

**ба автореферати диссертатсияи Воҳидова Нодира Абдусатторовна дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.00 – Забоншиносӣ (10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқобилавӣ). – Хуҷанд, 2022. – 59 саҳ.**

Ба тариқи муқоисаи типологӣ омӯхтани се забони гунонгунсохт дар илми забоншиносии муосир аз падидаҳои тозаи пажӯҳиш ба шумор меравад. Он имкон медиҳад, ки хусусиятҳои умумӣ ва хосаи забонҳои гуногунсохт муайян карда шаванд ва натиҷаҳои бадастомадаи илмӣ ҳамчун комёбии илми забоншиносӣ дар раванди таҳқиқоти забонҳои миллӣ ба кор раванд. Ин роҳи бисёр қулай ва босамари рушди забоншиносӣ буда, унвонҷӯ Воҳидова Н.А. дар рисолаи худ нисбат ба омӯзиши муқоисавии фарҳангҳои фразеологӣ аввалин шуда корбаст кардааст.

Фарҳангҳои фразеологии тоҷикӣ бо фарҳангномаҳои ҳамноми забонҳои маъруфи ҷаҳонӣ – русӣ ва англисӣ мавриди таҳлили қиёсӣ қарор гирифтааст. Қабл аз ҳама, кас ба андешае меравад, ки забони миллӣ (тоҷикӣ) дар паҳлуи забонҳои оламшумули русию англисӣ шоистаи муқоисаи типологӣ буда метавонад? Аз муҳтавои рисола бармеояд, ки забони тоҷикӣ чунин шоистагиро дорад.

Чунонки аз маводи рисола бармеояд, ҳарчанд теъдоди фарҳангҳои фразеологӣ дар забоншиносии тоҷик нисбат ба забонҳои русӣ ва англисӣ кам аст, он аз баъзе ҷиҳатҳо афзалият ҳам доштааст. Чунончи, яке аз хусусиятҳои муҳимми фарҳангнигории тоҷикӣ иборат аз он будааст, ки шарҳи вожаҳо дар заминаи таҳлили воҳидҳои фразеологӣ сурат гирифтаанд. Ин падида ба таври возеҳ нишон медиҳад, ки дар забони тоҷикӣ маҷоз хеле пурқувват буда, дар таркиби луғавии забонамон зиёда аз 80 дарсади вожаҳо дар матн маънои маҷозӣ зоҳир мекунанд.

Дар фишурдаи рисола комилан дуруст қайд гардидааст, ки чунин далели фарҳангӣ сарчашмаи худро аз "Луғати нимтафсилии тоҷикӣ бар

забони адабии тоҷик”-и устод Айнӣ [1] мегирад. Ба тарзе ки дар автореферат омадааст, вожаи “дам” дар се мавридтавассути калима (**нафас**: *ҳамдам – ҳамнафас*; **канори тези чизҳои буранда**: *дами корд, дами каланд, дами табар …*), боқӣ дар 12 мавриди бо ёрии таркибу ибораи фразеологӣ (**дам нишастан**, **дами вопасин**, **дами сард**, **дам гирифтан**, **дам додан**, **дам задан**, **дам истодан**, **дам кардан**, **дам фурӯ бастан**, **дам овардан**, **дам андохтан**) маънидод шудааст.

Минбаъд мураттибони фарҳангҳои осори адибон низ ин ташаббуси устод Айниро эҷодкорона идома додаанд: дар “Фарҳанги осори Ҷомӣ” [2] моҳият ва меъёрҳои шарҳ дар бандҳои “Фразеология” ва “Ҳавола ва қайду ишораҳо”-и муқаддима зикр ёфтаанд. Дар луғатномаҳои дигари осори адибон “Фарҳанги ашъори Рӯдакӣ” [3] ва “Фарҳанги ашъори Камоли Хуҷандӣ” [4] низ ҳамин гуна усулҳои шарҳ ба кор рафтааст.

Дар нашрҳои фарҳангномаҳои тарҷумавӣ, амсоли “Луғати русӣ-тоҷикӣ”, ки дар ду ҷилд солҳои 1933-1934 бо иштироки бевоситаи устод Айнӣ таҳия гардидааст, фразеологизмҳо ҳамчун воситаи маънидоди моддаи луғавӣ васеъ ба кор бурда шудаанд. Аз ҷумла, дар “Луғати русӣ-тоҷикӣ” зери таҳрири М.С. Осимов, ки нашри охирини луғати тарҷумавии зикршуда мебошад, дар банди 9-уми муқаддима омадааст, ки ибораҳои фразеологӣ дар охири “ҳар як моддаи луғавӣ”зикр мегардад. Масалан, дар моддаи **глаз** (чашм) дар чор банд маънои моддаи луғавии тавассути тарҷумаи калимагӣ, вале дар 82 мавриди дигар бо ёрии воҳидҳои фразеологӣ шарҳу тафсир ёфтааст [5, с.174].

Ҳамин тариқа, пажӯҳиши Воҳидова Н.А. нишон медиҳад, ки фарҳангҳои умумӣ ё калимагӣ аз манбаъҳои муҳимми таҳқиқи воҳидҳои фразеологӣ ба шумор меравад.

Бино ба маълумоти автореферат, дар диссертатсияи тақризшаванда дар забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бисёр масъалаҳои тадвини фарҳангҳои фразеологӣ хосияти умумӣ доранд. Аз ҷумла, саромади фарҳангҳои фразеологӣ луғатномаҳои умумӣ ё калимагӣ мебошанд. Намунаи воҳидҳои

фразеологиро мо дар нахустин фарҳангҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ мебинем ва минбаъд теъдоди фразеологизмҳо торафт афзуда, луғатномаҳо то ба сатҳи фарҳангҳои хосаи фразеологӣ расидаанд. Дар таърихи луғатнигории тоҷикӣ аввалин фарҳангҳои хосаи фразеологии тоҷикӣ дар асри XVIII "Чароғи ҳидоят", "Мусталаҳот-уш-шуаро" ва "Баҳори Аҷам" ҳамин тавр ба миён омадаанд. Чунин раванди ташаккули фарҳангҳои фразеологӣ ба фразеографияи русӣ ва англисӣ низ хос аст.

Аз маводи автореферат метавон ба хулосае омад, ки мавзӯи диссертатсия ҳалли илмии худро ба таври мукаммал (комплексӣ) ёфтааст: дар ҳар боби рисола як қазияи муҳимми фарҳангҳои фразеологӣ мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аз ҷумла, масоили пайдоиш ва таҳаввули фразеографияи забонҳои муқоисашаванда (боби якум), нақши фарҳангҳои фразеологӣ дар таҳқиқи фразеологияи забонҳо (боби дуюм), роҳу усулҳои шарҳи маънии моддаҳои фразеологӣ дар фарҳангҳо (боби сеюм).

Масъалаҳо дар рисола чи аз ҷиҳати фарогирии забонҳо (муқоисаи се забон) ва чи ҳалли қазияҳои илмӣ бори аввал гузориш ёфтааст. Натиҷаҳои бадастомада ба нафъи ҳам фразеографияи забонҳои қиёсшаванда ва ҳам методикаи таълими фразеология дар мактабҳои олӣ ва миёна мебошад.

Дар охир ба тариқи дархост чунин иброз медорем:

1. Тафовути забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар корбурди аломатҳои шарҳи маънии моддаҳои фразеологӣ бештар тавассути ҷадвал нишон дода шавад, дарки моҳияти масъала боз ҳам возеҳтар мегардид.

2. Дар рисола ду навъи фарҳангҳои фразеологӣ мавриди омӯзиш қарор ёфтаанд: фарҳангҳои якзабона ва дузабона (тарҷумавӣ). Онҳо аз лиҳози принсипҳои созмон аз ҳам фарқҳо доранд, вале дар бораи тафовутҳо дар автореферат маълумот нокифоя аст.

Дар маҷмӯъ аз рӯйи мазмуни фишурдаи рисола (автореферат) хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи унвонҷӯ Воҳидова Н.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли

лиҳози принсипҳои созмон аз ҳам фарқҳо доранд, вале дар бораи тафовутҳо дар автореферат маълумот нокифоя аст.

Дар маҷмӯъ аз рӯйи мазмуни фишурдаи рисола (автореферат) хулоса кардан мумкин аст, ки диссертатсияи унвонҷӯ Воҳидова Н.А. дар мавзӯи «Хусусиятҳои фарҳангҳои фразеологӣ дар забонҳои гуногунсохт (дар мисоли забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ)» таҳқиқоти анҷомёфта буда, рисола ва муаллифи он шоистаи дараҷаи илмии номзади илмҳои филология мебошанд.

**Муқарриз** **Эгамназаров Ҳ.Ҳ.** – номзади илмҳои филология, дотсент, мудири кафедраи забонҳои хориҷии Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н. Б. Ғафуров, маҳаллаи 120, хонаи 21, хуҷраи 35
Тел: (992) 92-875-57-54
E-mail: egamnazarov.hamza@mail.ru

“Имзои Эгамназаров Ҳ.Ҳ. - ро тасдиқ мекунам”.
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес
ва сиёсати Тоҷикистон: Мирпочоев И.Ҳ.

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд,
ш. Хуҷанд, 17 мкр., хонаи №1
www.tsulbp.tj
E-mail: tsulbp@rambler.ru
тел: 83422 2-38-11